Тақризи

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Азизов Фирӯз Шарифович дар мавзуи "Ток-шоу ҳамчун жанри телевизионӣ" (дар мисоли барномаҳои Телевизиони "Тоҷикистон" ва Телевизиони "Сафина") барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ

Замони муосир асри иттилоот буда, дар байни воситаҳои ахбори омма мавқеи воситаҳои электронии ахбори омма боло рафтааст. Шабакаи интернет бо оҷилияти пешниҳоди иттилоот то андозае мавқеи ҳатто воситаҳои электронии ахбори оммаро танг намудааст. Аммо ин маънои онро надорад, ки ҷои онҳоро гирифтааст. Ҳар як воситаи ахбори омма ҷой, мавқеъ ва вазифаи худро дорад, ки ҳеҷ гоҳ интернет ҷойи онро иваз карда наметавонад. Дар байни воситаҳои электронии ахбори омма аҳолӣ пештар ба телевизион дастрасӣ дорад. Бинобарон вақти холигии худро асосан дар назди он мегузаронад.

Хушбахтона бо шарофати соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон даҳҳо шабакаҳои телевизиони соҳавии ҷумҳуриявӣ ва мустақилу хусусии маҳаллии шаҳриву ноҳиявӣ дар фазои иттилоотии ҷумҳурӣ фаъолият мекунанд. Тавассути телевизионҳои кабелӣ, ки ба моҳвора пайваст асту имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сафи он рӯз ба рӯз зиёд ва хизматрасониаш беҳтар шуда истодааст, аҳолии ҷумҳурӣ имкон дорад, дар баробари барномаҳои шабакаҳои телевизионии ватанӣ инчунин даҳҳо шабакаҳои хориҷиро тамошо кунад. Барномаҳоро муқоиса намуда беҳтаринашро тамошо кунад. Дар ин ҳолат ба журналистони телевизион лозим меояд, ки бо касбият барномаҳо омода намоянд то ки бинандаи худро аз даст надиҳанд. Вобаста ба ин таҳияи барномаҳо дар жанрҳои таҳлилии фарҳангию фароғатӣ мисли жанри ток-шоу дар мавзуъҳои доғи рӯзи ватанӣ боиси ҷалби бештари бинанда шуда метавонад. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки интихоби мавзуи

рисолаи диссертатсионии Азизов Фирӯз Шарифович зери унвони “Ток-шоу ҳамчун жанри телевизионӣ” саривақтӣ аст. Муҳимияти пажуҳиши ин мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки дар соҳаи телевизиони тоҷик бори аввал таҳқиқ мегардад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда ва сарчашмаҳо иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия зери унвони “**Ҷанбаҳои таърихӣ ва функсионалии ток-шоу**” ном дошта, аз ду фасл таркиб ёфтааст. Фасли аввали ин боб “**Омилҳои пайдоиш ва ташаккули ток-шоу дар телевизион**” ва фасли дуюм “**Вижагиҳои жанрии ток-шоу**” унвонгузорӣ шуда, дар он таърихи пайдоиши ва марҳилаҳои ташаккули он аввал дар телевизионҳои Амрико баъдтар дар Аврупо ва минбаъд дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба таҳқиқ кашида шудаанд. Диссертант дуруст ба хулоса омадаст, ки жанри ток-шоу аввал дар Амрико солҳои 60-уми асри XX аз саҳнаи эстрада ба павилионҳои телевизион гузашта, дар нимаи дуюми солҳои 80-ум ба телевизионҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ гузаштааст. Яке аз умумиятҳое, ки миёни барномаҳои шабакаҳои хориҷӣ ва ватанӣ дар ток-шоу дида мешавад, ин монандии барномасозӣ ва як навъ пайравӣ ба қолаб аст. Таркиби жанри ток-шоу аз унсурҳои зиёди созанда иборат аст ва ҷой доштани проблемаву мавзуи муҳими рӯз аз ҷумлаи онҳост. Бо таҳлили мавзуи доғи рӯз тариқи гуфтугӯи озод ва саҳнасозиҳои кумаккунанда масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ ба миён гузошта мешаванд.

Боби дуюми диссертатсия зери унвони “**Мавқеи ток-шоу дар низоми барномаҳои телевизионӣ**” низ аз ду фасл иборат буда, фасли аввал **“Ташаккули ток-шоу дар шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон”** ва фасли дуюм **“Ҷанбаҳои мундариҷавӣ ва мавзуии жанри ток-шоу”** номгузорӣ шудаанд. Дар ин фаслҳо таҳлили мавқеи ток-шоу дар низоми барномаҳои телевизионӣ, ташаккули ток-шоу дар шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон ва ҷанбаҳои мундариҷавию мавзуии жанри ток-шоу таҳқиқи

худро ёфта, диссертант ба хулоса омадааст, ки “ток-шоу дар телевизиони тоҷик ба таври номунтазам ташаккул ёфта, дар шароити имрӯза ҳамқадами замон будан мехоҳад. ... заминаҳои нисбатан чашмраси пайдоиши ин жанр ба нимаи дуюми солҳои 80-уми асри XX рост меояд”. Вале дар солҳои бозсозӣ ва соҳибистиқлолӣ, баъди бардоштани сензураи давлатӣ аз воситаҳои ахбори омма то як андоза дар шабакаҳои ватанӣ шаклбандӣ дар намуди барномаҳои хоси ток-шоу пайдо шуданд, ки метавон ба дурнамои он умед баст.

Боби сеюми диссертатсия “**Вижагиҳои интихоби қаҳрамон ва таҳияи барнома**” аз фаслҳои **“Нақши шоумен, модератор ва интервюер дар таҳияи ток-шоу”** ва **“Воситаҳои муассиргардонии сухан дар жанри ток-шоу”** иборат мебошанд. Эҷоди барномаҳои телевизионӣ кори коллективист ва он аз ҷузъиётҳои зиёд иборат аст. Махсусан жанри ток-шоу бо хусусиятҳои хоси хеш аз дигар жанрҳои телевизионӣ фарқ мекунад. Бо истифода аз ҷузъҳои қариб тамоми жанрҳои воситаҳои ахбори омма, кино, театр, адабиёт ва ғайра таҳия мегардад, бинобарон ҳам тамошобини зиёд дорад. Аз ин рӯ таҳияи барнома дар ин жанр кори саҳл нест ва на ба ҳар журналисту режиссёри телевизион муяссар мешавад, ки мувофиқ ба талаботи жанрии ток-шоу барнома эҷод намояд. Набудани яке аз ин ҷузъиётҳо риоя накардани талаботи жанрӣ боиси нокомил, диданбоб набаромадани барнома мегардад.

Дар ин маврид диссертант ба хулосаи дуруст омадааст, ки ток-шоу метавонад аз ҳисоби аудитория, зебоии декоратсия, тозагии навор ва махсусияти мавзуъ диққатҷалбкунанда бошад, аммо асоси ҷаззобият ба мавзуи интихобшуда вобаста аст, ҳар қадар мавзуъ барои бинандагон наздик бошад, ҳамон қадар хуб қабул мешавад. Шоумен, модератор ва интервюер дар ҳамбастагии фаъолият метавонанд сабабгори муваффақона ҷараён гирифтани барнома гарданд. Рушд наёфтану

диққатҷалбкунанда набудани ток-шоуҳои ватанӣ ба омилҳои техникиву молиявӣ рабт дорад.

Хулосаи диссертатсия дар 9 банд ҷамъбаст гардида, натиҷагириҳои муаллифи диссертатсияро дарбар гирифтаанд. Таҳқиқоти мазкур арзиши хуби илмӣ дошта, ҷавобгӯ ба талаботи муқараргардида аст.

Дар диссертатсия баробари комёбиҳо баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад шуд:

1. Дар фасли аввали боби якуми диссертатсия "Омилҳои пайдоиш ва ташаккули ток-шоу дар телевизион" ба пайдоиш ва марҳилаҳои ташаккули ток-шоу дар шабакаҳои телевизиони тоҷик кам аҳамият дода шудааст. Ҳол он, ки ба диссертант лозим буд, ки ба ин масъала бештар таваҷҷуҳ мекард, зеро таъриху ташаккули жанри ток-шоу дар телевизионҳои хориҷӣ кайҳо таҳқиқи худро ёфтаанд;

2. Фасли якуми боби дуюми диссертатсия "Ташаккули ток-шоу дар шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон"-ро беҳтар мебуд, ки бо фасли аввали боби якум "Омилҳои пайдоиш ва ташаккули ток-шоу дар телевизион" якҷоя карда мешуд. Зеро ҳарду ин фасл ба ҳамдигар хеле наздиканд;

3. Ба андешаи мо пайдоиш ва ташаккули жанри ток-шоу дар шабакаҳои телевизионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба замони бозсозӣ бо барҳам додани сензураи давлатӣ дар соҳаи воситаҳои ахбори омма ва соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд. Аз ин рӯ "Хусусиятҳои жанри мазкурро дар телевизиони тоҷик дар солҳои 60-ум ва махсусан, дар солҳои ҳафтодуми асри гузашта дидан мумкин аст." гуфтани диссертант қобили қабул нест ва мебояд он ислоҳи хешро ёбад;

4. Таҳияи рисолаи диссертатсионӣ бештар услуби публистистиро гирифтааст, ки ин хоси таҳқиқоти илмӣ намебошад;

5. Дар диссертатсия хатоҳои грамматикӣ, услубӣ, техникӣ ва баъзан айнан такрори фикр ба назар мерасанд.

Камбудиҳои номбаршуда ислоҳпазир буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии рисолаи диссертатсиониро кам намекунанд. Рисолаи диссертатсионии Азизов Фирӯз Шарифович таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида буда, автореферат ва мақолаҳои ба нашр расида мазмуни диссертатсияро бо пуррагӣ ифода мекунанд.

Диссертатсияи илмии Азизов Фирӯз Шарифович дар мавзуи "Ток-шоу ҳамчун жанри телевизионӣ" (дар мисоли барномаҳои Телевизиони "Тоҷикистон" ва Телевизиони "Сафина") таҳқиқоти баанҷомрасида буда, дар сатҳи хуби илмӣ таълиф шудааст. Диссертатсия бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариву амалиаш ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 - Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Доктори илми филология, профессори
кафедраи журналистикаи телевизион ва
радиошунавонии МДТ «Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода» Муъминҷонов Зулфиддин

E-mail: zulfiddin.m@mail.ru
Тел.: 93 505 14 63

Имзои Муъминҷонов З. - ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «ДДФСТ ба номи Мирзо
Турсунзода» Ҳамидова Зарина
28 ноябри соли 2022.

Суроғаи:
734032, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 73а
Тел.: (+992 37) 231-18-27
E-mail: tajartins@andex.com.
Сомонаи расмӣ: www.ddst.tj